# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Умаралиева Таҳмина Мирзоалиевна (Умарализода Таҳмина Мирзоали) дар мавзуи “Таҳлили муқоисавии истилоҳоти кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ғалладона, олоти меҳнат ва омилҳои марбут ба онҳо)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионии **Умаралиева Таҳмина Мирзоалиевна** дар мавзуи **“Таҳлили муқоисавии истилоҳоти кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ғалладона, олоти меҳнат ва омилҳои марбут ба онҳо)”**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ–таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод гардидааст, мубраму ҷолиби диққат аст ва шиносномаи ихтисоси илмӣ дар ин самт мутобиқат менамояд.

Дар забоншиносии муқоисавӣ масъалаҳои сохториву маъноӣ ва семантикӣ ҷойгоҳи вижаи худро доранд. Бинобар ин, муаллиф таҳлили муқоисавии истилоҳоти соҳаи кишоварзӣ, махсусан, зироатҳои ғалладона, олотҳои меҳнат ва раванди корбурди онҳо, феълҳои марбут ба кишоварзӣ, вожаҳои маросимиву суннатии кишоарзӣ, хусусиятҳои сохторию маъноӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ пажӯҳиш намудааст.

**Мақсади таҳқиқи диссертатсионӣ –** вижагиҳои сохторӣ-семантикӣ, таърихи пайдоиш ва рушду густариши калимаву истилоҳоти кишоварзӣ дар қиёс бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** - вожаҳои ба зироатҳои ғалладона, навъҳои онҳо, мафҳуми дарза, ҷой ва тарзи кӯфтани ғалла, калимаҳои ба рӯбучин ва бод додани ғаллаи куфташуда ва амсоли инҳо муайян ва тавзеҳ дода шудаанд; - хусусиятҳои монанд ва фарккунандаи истилоҳоти кишоварзии забонҳои муқоисашаванда аз ҷиҳати сохтор ошкор гардидаанд; - вижагиҳои сохторӣ ва семантикии вожаҳои кишоварзӣ, маросимӣ, суннатӣ, олотҳои меҳнат ва тарзи корбурди онҳо муайян шудааст; -равиши нав дар мавриди тавзеҳи маъно, ки дар ин хол мафҳуми кишоварзӣ ба воситаи феълҳо муайян гардидааст, коркард шудааст.

Бояд гуфт, ки омӯзиши муқоисавӣ-типологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз солҳои 70-уми асри XX ибтидо гирифта, осори таҳқиқотии судманди муҳаққиқони ватанӣ ба монанди М.Г. Шаҳобова, М.Н. Азимова, М.Т. Ҷаборӣ, М.Б. Нағзибекова, Х. Шанбезода, П. Ҷамшедов, А. Мамадназаров, К.У. Усмонов, С.С. Ҷаматов ва дигарон ба рушди забоншиносии муқоисавии тоҷик саҳми назаррас гузоштанд.

Солҳои охир таваҷҷуҳи муҳаққиқон ба омӯзиши забонҳои ҳориҷӣ, хосатан забони англисӣ зиёд шудааст. Роҷеъ ба муқоисаи масъалаҳои гуногуни забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ пажуҳишҳои зиёде ҳам ба анҷом расидааст. Бо вуҷуди ин, баъзе мавзуъҳо ба таври мукаммал омӯхта

нашудаанд, ки интихоби мавзуи таҳқиқӣ мо ҳам ба ҳайси диссертатсияи алоҳида, пеш аз ҳама, ба мавриди баррасӣ қарор нагирифтани он марбут аст. Пажуҳиши муқоисавии калимаҳои соҳаи кишоварзии забонҳои тоҷикиву англисӣ аз нигоҳи вазъи кунунӣ яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносӣ ба шумор меравад.

Дар автореферати диссертатсия **аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он инъикос меёбад, ки натиҷаҳои илмии он имконоти назариявии донишмандони забоншиносро дар бахши таҳқиқӣ истилоҳоти кишоварзӣ такмил хоҳанд дод. Инчунин дар баррасии вижагиҳои сохториву маънoии луғоти соҳаи кишоварзӣ ҳамчун заминаи илмӣ нақши муҳимро ба ҷо хоҳанд овард. Кори илмии мазкур, ҳамчунин, барои ташаккули минбаъдаи таҳқиқи муқоисавии калимаву истилоҳоти кишоварзӣ, аз ҷумла зироатҳои ғалладона ва истилоҳоти мансуби онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ асосҳои назариявӣ фароҳам меоварад. Дастовардҳои кори таҳқиқоти мавриди пажуҳиш метавонад ҳангоми таҳияи китобҳо, махсусан тарҷумаи онҳо аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ ва ё баръакс, инчунин баррасии воҳидҳои луғавӣ ва грамматикаи забон истифода гарданд.

Инчунин, **саҳми шахсии унвонҷӯ** дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъала, барои қисмати сохторӣ ва семантикии луғоти кишоварзӣ таснифоти нав коркард шудааст, ки дараҷаҳои гуногуни мувофиқат ва тафовути онҳоро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ инъикос мекунад. Дар натиҷаи чунин гурӯҳбандӣ калимаву истилоҳоти кишоварзӣ аз ҷиҳати сохтор ва маъно ба гунаи пурра бо ҳам мувофиқи забонҳои гуногун (муодилҳо ё шабоҳати вожаҳои байнизабонии пурра), истилоҳоти кишоварзии аз рӯйи таркиби луғавӣ ва грамматикӣ қисман тафовутдошта (аналогҳои луғоти байнизабонии бо ҳам наздик), истилоҳоти кишоварзӣ, ки аз нигоҳи таркиби луғавӣ номувофиқанд, муайян карда шудаанд.

Омӯзиши дурусти таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ, таҳлили маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои таҳқиқотӣ бадастомада, истифодаи маҷмуи усулҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот дар ташкил ва баргузор намудани таҳқиқоти омӯзишӣ, тасдиқи амалии муқарраротi кори илмӣ дар раванди таҳқиқ, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маълумот, дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва дар коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ зоҳир мегардад.

Диссертант доир ба мавзуъ 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола, дар нашриҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар маҷмуаҳои конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявию минтақавӣ таҳия ва чоп намудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, 2 боб, даҳ фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт, интишорот

аз рӯйи мавзуи диссертатсия ва замима таҳия шудааст ва ба талаботи ба расмиятдарори диссертатсия ҷиҳати дарёфти дараҷи илмии номзади илм мувофиқат мекунад.

Муқаддимаи диссертатсия инъикоскунандаи дастгоҳи илмии таҳқиқот буда, тибқи меъёр таҳия шудааст. Боб ва зербобҳои таҳқиқот аз нигоҳи илмӣ, мантиқӣ ва методологӣ дар шакли хуб корбаст гардидаанд, хулосаи он дар 12 банд натиҷагирӣ шудааст.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсия фарогири матни илмӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳия гардиааст ва мазмуну муҳтавои таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос кардааст.

Кобили зикр аст, ки довталаб **Умаралиева Т. М.** аз уҳдаи мустақилона гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ, таҳлили илмии натиҷаҳои ба даст омада ба хубӣ баромада, дар раванди гузаронидани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ таҷрибаи хуб нишон дода, ба натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи **Умаралиева Таҳмина Мирзоалиевна** дар мавзуи **“Таҳлили муқоисавии истилоҳоти кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ғалладона, олоти меҳнат ва омилҳои марбут ба онҳо)”** ба талаботи бандҳои 54, 84-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ. мебошад.

**Муқарриз:** номзади илмҳои филологӣ,
мудири кафедраи назария ва типологияи
забони англисии факултети забонҳои хориҷӣ
МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав” **Олматова Шарофат Сафаралиевна**

Имзои Олматова Ш.С.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Ҳусрав»
**Исозода Тоҷиддин Исо**

«_12_»_04_ соли 2025

735140, ш. Бохтар, маҳаллаи Хатлон
кӯчаи А. Ҷомӣ, хонаи № 4
тел: (+992) 885231313
E-mail: shahlojun@list.ru